*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраи донишҷӯён, биної таълими 7)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзулло Бахтовар Сайфулло дар мавзуи “Танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар шароити торафт мушкил ва ноустворгардии вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар саросари ҷаҳон, масълаи рушди иқтисодии кишвар ва аз ҷумла, бахши соҳибкории хурду миёна, омили асосӣ ва бунёдии суботи иқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан ба ин соҳа яке аз нукоти калидӣ дониста шуда, танзими давлатии андозбандии соҳибкории хурду миёна дар шароити имрӯза мубрамияти бештар пайдо намудааст. Зеро тавсеаи ин бахш аз манфиатҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ холӣ нест, чун метавонад дар таъсиси ҷойҳои корӣ, вориднамоии таҷҳизоти замонавӣ ва чандирии иқтисоди миллӣ боис гардад.

Муаллиф, дар таҳқиқотош иброз доштааст, ки коркарди сиёсати андоз дар асоси муносибати комплексӣ бо дарназардошти баэътибор гирифтани хусусиятҳои минтақавии он омили муҳими рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Бинобар ин, ба андешаи муаллиф вобаста ба таклифу пешниҳодҳои олимони ватанӣ баланд бардоштани мақоми танзими андоз дар рушди соҳибкорӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба миён омадааст. (Саҳ11).

Муаллиф дар раванди таҳқиқоти худ, қайд намудааст, ки ташаккул додани механизми андозбандӣ барои рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидор муайянкунанда башумор меравад. Бинобар ин, дар раванди таҳқиқот асосҳои функсионалии чунин механизм аз мавқеи банақшагирӣ, танзим ва назорат коркард ва пешниҳод карда шуд. Дар ин самт ақидаҳо зиёданд ва мавқеи мо аз он бар меояд, ки амал намудани чунин механизм бояд ба субъекти мушаххаси

хоҷагидорӣ, аз ҷумла ба соҳибкории хурду миёна алоқаманд карда шуда, мавриди истифода қарор гирад(саҳ 13).

Дар рафти таҳлили вазъи танзими муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна муаллиф ба чунин натиҷа расидааст, ки муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна хусусияти маҷмуӣ доранд. Амалияи андозбандии субъектҳои хоҷагидори бахшҳои воқеии муносибатҳои мазкур ҳамчун фишангӣ идоракунӣ баромад карда, танзими механизми андозбандиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби васеъ ба роҳ мондани ҳамкориҳо таъмин менамояд ва дар таҳия ва татбиқи тавсияҳои илмию методии усулҳои эконометрикӣ хеле муҳим мебошад(саҳ 21).

Бар асоси тавзеҳоти қаблан изҳор намуда, метавон гуфт, ки мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ дар шароити ҷумҳурии мо аз аҳамият холӣ набуда, дар он нуктаҳои калидии фаъолияти соҳибкории хурду миёна, асосҳои назариявии танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна, механизмҳои арзёбии андозбандии соҳибкории хурду миёна, таҳлил ва арзёбии ҳолати андозбандии фаъолияти соҳибкории хурду миёна, такмили механизмҳои низоми андозбандии миллии фаъолияти соҳибкории хурду миёна мавриди таҳлилу татбиқ ва пешниҳод қарор дода шудаанд.

Мувофиқ ба назар ва пешниҳодҳои тавсиянамудаи унвонҷӯ, метавон хулосаҷӯйӣ намуд, ки танзими давлатии низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории хурду миёна барои ҷумҳурии мо яке аз бунёдтарин соҳаҳо маҳсуб меёбад, аз ин ҷиҳат коркарди механизмҳо ва унсурҳои асосии тақвиятбахшандаи ин соҳа, пешниҳоди имтиёзҳои мухталиф ва коҳишдиҳии гаронии андоз метавонанд дар густариши бештари ин соҳа, ҷалби сармояи пулӣ ва зеҳнӣ ва ҳавасмандии қишрҳои мухталифи ҷомеа ба ин соҳа саҳми арзанда дошта бошанд.

Дар умум метавон қайд намуд, ки автореферати рисолаи таҳқиқотӣ бо як тарзу услуби хоса ва бо назардошти талаботҳои мавҷуда мавриди омода ва баҳрадорӣ қарор дода шуда, муаллиф ба таври комил андеша ва назароти

худро мавриди пешниҳод қарор додааст. Ҳамзамон, дар кори диссертатсионӣ камбудиҳое ба назар мерасанд, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, метавонанд мубрамияти рисолаи таҳқиқотиро бештар намоянд.

1. Тавзеҳоти комили олимони ватанӣ дар самти назарияпардозиҳо вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ;

2. Тафсироти возеҳтари низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва арзёбии вазъи институтсионалии он;

3. Возеҳтар мушаххасгардонии роҳҳои устуворнамоӣ ва такмили механизмҳои давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна дар самти низоми миллии андозбандӣ.

Хулоса автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи “Танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Файзуллозода Бахтовар Сайфулло арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Мудири кафедраи андоз ва андозбандии
донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
номзади илмҳои иқтисодӣ Холов Т. А.

24.05.2024

Суроға: ш. Бохтар, куч. Айнӣ 67 тел:+992987777166

Имзои н.и.и.. Холов Т. А-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Н.Хусрав Шукурзод Ҷ. А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС